# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-008 НАЗДИ МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОЧИКИСТОН БА НОМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО» ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

Парвандаи аттестатсионии № _______________

қарори Шурои диссертатсионӣ аз 07 феврали соли 2025, №2

Барои сазовор донистани Ҳиммат Муҳаммад Ёсин шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD). Диссертатсия: "Таъсири маводҳои фишорпасткунанда ба сохтори функсионалии меъдачаи чап ва вариабелнокии ритми дил дар беморони фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол" аз рӯйи ихтисоси 6D110104 – Бемориҳои дарунӣ ба ҳимоя 11.10.2024 (суратмаҷлиси №39) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-008 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» (734026, ш. Душанбе, кӯчаи Сино 29-31), бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.с.2023 №11 (бо ворид намудани тағиру иловаҳо аз 01.10.с.2024, № 345)

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ҳиммат Муҳаммад Ёсин 16 марти соли 1978, соли 2000 Университети тиббии Балхи шаҳри Мазори Шарифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро хатм намудааст. Солҳои 2010-2012 магистратура дар кафедраи бемориҳои дарунии №3 Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино гузаштааст. Солҳои 2016-2019 таҳсилро дар докторантураи PhD дар кафедраи бемориҳои дарунии №3 МДТ ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино гузашт. Дар вазифаи духтури кардиолог шифохонаи «Сиҳати Мавло Алӣ» Ҷумҳурии Исломии Афғонистон то сентябри соли 2024 фаъолият мекард. Дар йни замон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, штати Калифорния дар соҳаи тандурустӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи бемориҳои дарунии №3 МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои тиббӣ, Ҳоҷиева Гулнора Бобоевна – дотсенти кафедраи бемориҳои дарунии №3 МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».

Муқарризони расмӣ:

• Олимзода Насим Хоҷа доктори илмҳои тиббӣ, профессор, директори МД “Пажуҳишгоҳи гастроэнтерология” Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• Рофиева Ҳалима Шарифовна номзади илмҳои тиббӣ, мудири кафедраи терапияи МҒТ “Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон” ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи тақриздиҳанда – МДТ “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ш. Душанбе, дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, Нарзуллоева Адолат Раҳматуллоевна номзади илмҳои тиббӣ, дотсент, мудири кафедраи кардиология бо курси фармакологияи клиникии МДТ «ДТБКСТ ҶТ», қайд шуд, ки Ҳиммат Муҳаммад Ёсин довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 13 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ҳаҷми умумии 1,7 саҳифаи чопӣ, саҳми муаллиф – 70% мебошад. 2 пешниҳоди навоварӣ гирифтааст.

Асарҳои муҳимтарин дар мавзӯи рисола:

•Ҳиммат Муҳаммад Ёсин. Ташхиси муқоисавии гипертрофияи меъдачаи чапи дил бо ёрии усулҳои маъмул дар беморони фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол / Г.Б. Ҳоҷиева, К.З. Уроқов, М. Ё. Ҳиммат, А.Т. Шамсов /Авҷи Зуҳал.- 2020.- №3 .-С.55-59.

•Ҳиммат Муҳаммад Ёсин. Хосиятҳои умумии клиникӣ ва омилҳои хатарноки фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол дар қиёс / К.З.Уроқов, Г.Б. Ҳоҷиева, М.Ё. Ҳиммат, М.П. Ғаниева, А.Т. Шамсов// Авҷи Зуҳал.-2020.- №4 .-С.121-127.

•Химмат Мухаммад Ёсин. Таъсири “Лизиноприл” ба параметрҳои морфофунксионалии дил дар беморони дорои фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол / Химмат Мухаммад Ёсин // Авҷи Зуҳал.-2022.- №1 .-С. 42-44.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:

- Доктори илмҳои тиббӣ, профессор, мудири кафедраи бемориҳои дарунии №1 Донишкадаи давлатии тиббии Самарқанд Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ташкенбаева Элеонора Негматовна – эрод нест;

- Номзади илмҳои тиббӣ, дотсент, мудири кафедраи бемориҳои дарунӣ бо курси геронтология ва гематологияи МДТ ДТБКСТ ҶТ Ахунова Насиба Тоировна - эрод нест.

Дар шарҳҳо аҳамияти мавзӯъ, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти гузаронидашуда қайд карда шудааст. Инчунин зикр мегардад, ки кори диссертатсионии Ҳиммат Муҳаммад Ёсин як таҳқиқоти анҷомёфта, амалан муҳим буда, ба ихтисоси 6D110104 – Бемориҳои дарунӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо бо дастовардҳои худ дар соҳаи бемориҳои дарунӣ, корҳои илмӣ дар ин самт маъруфанд ва дар ин мавзӯъ нашрияҳои илмӣ доранд ва онҳо метавонанд ба кори рисолаи диссертатсионӣ аз рӯйи муҳимият, аҳамияти назариявӣ ва арзиши амалиаш баҳои холисона диҳанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

**коркард карда шуд** тавозуни симпатикӣ-парасимпатикӣ ба таври назаррас ба сӯи бартарияти нисбии ҷузъҳои пастбасомад тағйир ёфт, ки омили номусоид мебошад. Бисопролол дар охири курси табобат ба ВРД таъсири мусбат расонид. ТР то 10,1% баланд гардида, таъсири индекси вагосимпатикӣ аз ҳисоби баландшавии фаъолнокии системаи парасимпатикӣ то 8,9% ва пастшавии қисми симпатикии системаи асаби нашвӣ то 10,7% паст гардид.

**пешниҳод шудааст** ба таври муфассал омӯхтани омилҳои хатар, таъсири иқлими гарм, равиши бемории ФШ шахсони калонсоли ду мамлакат дар муқоиса баҳогузорӣ карда шавад. Бори нахуст басомади пайдошавии оризаҳо, бемориҳои коморбидии паҳншуда ва пешгуйии номусоиддошта ҳамчун диабети қанд, баландшавии системаи лахтабандии хун, стресси психологӣ, ки бо механизмҳои пайдоиши ФШ зич алоқаманд ҳастанд ва ба равиши беморӣ таъсири манфӣ мерасонанд, дар муқоисаи ду мамлакат дар беморони гирифтори ФШ ба таври муфассал омӯхта шуд.

**исбот шудааст** вайроншавии геометрияи МЧ ба намуди консентрикӣ дар 53,0%, намуди экссентрикӣ зиёда аз 42,0% бемор аниқ карда шуд, ки ин нишондодҳо дар муқоиса бо гурӯҳи I зиёд аст.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

**исбот намудан** зарур будани ташхиси барвақтаинаи омилҳои хатарнок, оризаҳои ФШ бемориҳои коморбидӣ гувоҳӣ медиҳанд. Пешгӯйи имконияти пайдоиши омили норасогии дилӣ дар беморони ташхисшуда гузаронида шудааст. Нақши таъсири маводҳои доруҳои таъиншуда ба сохтори морфофунксионалӣ ва ВРД барои гузаронидани табобати гипотензивии тафриқавӣ дар беморони калонсоли гирифтори ФШ бо назардошти пешгирии аритмияҳои ба ҳаёт хатарнок ва фавти бемаҳал исбот карда шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок**

**баён шудани** усулҳои муосири таҳқиқоти клиникӣ ва инструменталӣ ва таҳлили оморӣ, ки дар бемориҳои дарунӣ истифода мешаванд;

**ошкор гардидани** хусусиятҳои таъсири се гурӯҳи маводҳои фишорпасткунанда ба сохтори морфо-функсионалии дили беморони гирифтори фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол ;

**омӯхта шуданд** таъсири гурӯҳҳои маводҳои фишорпасткунанда ба вариабелнокии ритми дили беморони гирифтори фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол

**аз нав такмил додани** пайдоиши омилҳои хатарнок, равиши беморӣ, оризаҳои он, таъсири маводҳои фишорпасткунанда, вариабелнокии ритми дил;

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

**коркард ва ҷорӣ карда шудаанд** тавсияҳои илмии асоснок оид ба истифодаи маводҳои фишорпасткунанда ва таъсири онҳо ба сохтори морфо-функсионалии дил ва вариабелнокии ритми дил ;

**муайян карда шуданд** сабаб, омилҳои хатарнок, инкишофи равиши вазнини бемории фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол дар қиёси ду мамлакат, пайдоиши оризаҳои бадсифати ин беморӣ ;

**офарида шуд** базаи тавсияҳо барои табобати фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол.

**муаррифӣ карда шуд** муносибати фардӣ оид ба табобати мувофиқкунии бемории фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки**:

**назария** ба маълумоти адабиёти санҷидашуда асос ёфтааст ва бо корҳои нашршудаи дигар муҳаққиқон мувофиқат мекунад;

**ғоя асонок шудааст** таҳлил, ба кайд гирифтан ва истифода бурдани маълумотхои омории таърихи клиникии беморони шӯъбаи фишорбаландии артериалии Маркази ҷумҳуриявии клиникии

кардиологияи ш. Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон дар беморхонаи вилоятии шаҳри Мазори Шарифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон.

**истифода шудаанд** маълумотҳои гирифташудаи адабиётҳои муқоисавии муҳаққиқони мамлакатҳои дур ва наздик мувофиқи мавзӯъ;

**муайян шудаанд** усулҳои муосири ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот, миқдори кофии маводи клиникӣ ва давраҳои мушоҳидаи дуруст интихобшуда, ки аз ҳадафҳои тадқиқоти диссертатсия бармеоянд;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**: аз иштироки ӯ дар тамоми марҳилаҳои раванди таҳқиқот иборат аст: таҳияи тарҳрезӣ, банақшагирӣ, муоинаи клиникӣ ва табобати беморон, коркарди омории маълумоти гирифташуда ва тафсири натиҷаҳо, омода намудани нашрияҳои илмӣ, гузоришҳо ва ҳалли техникии ин мавзӯъ.

Дар маҷлиси 07 феврали соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Ҳиммат Муҳаммад Ёсин бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D110104 – Бемориҳои дарунӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 4 нафар. Аз 15 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои тиббӣ, профессор** **Исмоилов К.И.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои тиббӣ, дотсент** **Ҷамолова Р.Ҷ.**

07.02.с.2025

ИМЗОИ/ПОДПИСЬ
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ УРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
« 07 » 02 2025 с/г